«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, доктори
илмҳои таърих, профессор
_________________Ғаффорӣ Н.У.
«___» ______________ соли 2021

**ТАҚРИЗИ**
**муассисаи тақриздиҳанда – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ба диссертатсияи Қаландаров Кароматулло Қаландарович дар мавзӯи «Раванди ташаккули системаи сиёсӣ дар шароити тағйирпазирии ҷомеа (дар мисоли Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ)**

Раванди ташаккулёбии системаи сиёсии ҷомеа ва таъмин намудани устувории ниҳодҳои сиёсӣ доимо дар маркази диққати сиёсатшиносону таҳлилгарон аст. Гузашта аз ин, масъалаи мазкур аз ҷониби давлату ҳукумат низ пайваста дунболагирӣ мешавад. Аммо дар давраи гузариш ва шароити тағйирпазирии ҷомеа ин раванд хеле тезу тунд аст. Аз як ҷониб мутобиқ гардонидани вазифаҳои ниҳодҳои сиёсии ҷомеа бо сохтори ҷамъиятӣ, аз ҷониби дигар ташаккул додани шуури сиёсии омма ва аз ҳама муҳим дар амал татбиқ намудани меъёрҳои асосии онҳо масъалаҳои хеле мубрам мебошанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар натиҷаи пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ на танҳо истиқлолияти давлатӣ ба даст оварда, ҳамчун субъекти комилҳуқуқи низоми муносибатҳои байналмилалӣ пазируфта шуд, балки аз сохтори соотсиалистӣ ва сохтори демократӣ гузашт. Ин раванд ду даҳсолаи аввали солҳои соҳибистиқлолӣ хеле оштинопазир буд.

Зимни таҳлилу баррасии ташаккули системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи аввали соҳибистиқлолӣ ва ба ҷанги шаҳрвандӣ рӯ ба рӯ гардидани кишвар ҷиҳатеро метавон нишон дод, ки он дар замони гузариши системаи сиёсии кишвар хусусиятҳои муайянеро ба худ касб намуда буд. Истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар шароити демократикунонии кишвар аз дастовардҳои наҷиби давлатдории навини тоҷикон ба ҳисоб мерафт. Он зимни баамалбарории муқаррароти Конститутсия ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии кишвар ба даст омад. Имконияти аз нав ташаккул додани системаи сиёсӣ ва қабули қарорҳои мусбат ва саривақтии раванди идоракунӣ ба миён омад. Ин марҳила дар ҳақиқат марҳилаест, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо системаи сиёсии нави хеш барои

танзими муносибатҳои дохилидавлатӣ ва амалигардонии муносибатҳои хориҷии кишвар бо акторҳои сиёсати ҷаҳонӣ шароити мусоид фароҳам овард. Дар маҷмӯъ, рушди минбаъдаи давлатдории миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ташаккулёбии системаи сиёсии кишвар вобаста мебошад. Дар навбати худ рушду инкишофи системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сатҳу сифати татбиқи амалии ниҳодҳои демократии ҷомеа ва рушди минбаъдаи онҳо вобаста аст. Ин ва дигар масъала бори дигар шаҳодат аз он медиҳанд, ки омӯзиш ва таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни ташаккулёбии системаи сиёсии ҷомеа яке аз масъалаҳои мубрами илмҳои сиёсӣ ва ҳамзамон ҳаёти сиёсию ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Дар таҳқиқоти Қаландаров К.Қ. чунин омилҳо ба инобат гирифта шуда, раванди ташаккулёбии системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаҷониба таҳлилу таҳқиқ гардидааст. Ташхиси диссертатсия нишон медиҳад, ки объект, предмет ва мақсади таҳқиқот бо мундариҷаи кор мувофиқат менамоянд. Мақсади дар пеш гузоштаи муаллиф иҷро гардидааст. Ҷанбаҳои назариявию консептуалии таҳқиқотро назарияи умумии система, консепсияҳои иҷтимоӣ-кибернетикӣ дар доираи сиёсатшиносӣ, иттилоотӣ-коммуникативӣ, сохторӣ-функсионалӣ, фарҳангӣ, алтернативӣ ё худ муносибати ғайриинститутсионалӣ ташкил медиҳанд. Дар раванди таҳқиқот методҳои илмии институтсионалӣ, системанокӣ ва сохторию таърихӣ ба таври васеъ истифода бурда шудааст.

Дар диссертатсияи муаллиф мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои системаи сиёсӣ таҳлили ҳамаҷонибаи худро бо назардошти ҷиҳатҳои пешин ва воқеияти муосири ҳаёти сиёсӣ ёфтаанд; мақом ва нақши системаи сиёсӣ дар алоқамандӣ бо ҳаёти сиёсӣ нишон дода шуда, ҳамзамон падидаи мазкур ҳамчун омили меҳварӣ дар рушди ҳаёти ҷомеа муайян гардидааст; хусусиятҳои асосии трансформатсияи системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба давраи гузариши кишвар ошкор гардида, ҷиҳатҳои нави ин падидаи муҳими ҳаёти сиёсӣ зимни назардошти воқеияти ҷамъиятӣ дарҷ ёфтаанд; асосҳои сиёсию ҳуқуқии амалишавии системаи сиёсӣ дар Тоҷикистон вобаста ба хусусиятҳои демократиаш нишон дода шудаанд; масъалаҳо ва мушкилоти пешрафти системаи сиёсӣ дар Тоҷикистон муайян гардида, хамзамон дурнамои рушди он дар шароити имрӯзаи кишвар ба таври лозимӣ мушаххас гардонида шудааст.

Мушоҳида намудан мумкин аст, ки таҳия, коркард ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзӯи диссертатсонӣ маҳсули фаъолияти таҳқиқотии муаллиф мебошанд. Инчунин саҳми шахсии муаллиф дар пешниҳоди роҳу воситаҳои таҳким ва такмили, умуман, системаи сиёсии ҷомеа ва хоссатан, беҳтар намудани фаъолияти институтҳои давлатӣ ва ғайридавлатии кишвар бо назардошти меъёр ва арзишоти демократӣ ба таври барҷаста аён мегардад.

Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ дар шакли маърӯза пешниҳод шудаанд. Аз рӯйи мавзӯи диссертатсия муаллиф 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст.

Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, ду боб, панҷ зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Инчунин дар диссертатсияи мазкур номгӯи ихтисораҳо низ таҳия шудааст.

Дар боби якуми диссертатсия асосҳои назариявию методологӣ ва масъалаҳои амалии системаи сиёсӣ таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Боби якуми диссертатсия аз ду зербоб иборат мебошад. Зербоби аввали боби якум бевосита ба омӯзиши ҷанбаҳои назариявию методологии таҳқиқи системаи сиёсии ҷомеа бахшида шуда, дар он муаллиф дар заминаи таҳлилу баррасии адабиёти илмӣ паҳлуҳои гуногуни раванди ташаккулёбии назарияи системаи сиёсиро нишон додааст. Дар доираи ин зербоб муаллиф таърихи пайдоиши мафҳуми “системаи сиёсӣ”-ро бо далелҳои илмӣ нишон дода, заминаҳои дар гардиши илмӣ ворид шудани онро асоснок намудааст. Дар ин қисми таҳқиқот муаллиф ба сарчашмаҳои илмӣ муроҷиат намуда, дар асоси хулосаҳои назариявии муаллифони консепсияи системаи сиёсӣ моҳият, хусусият ва мундариҷаи онро нишон додааст. Дар диссертатсия системаи сиёсӣ ҳамчун назарияи илмӣ на танҳо категорияи марказии илмҳои сиёсӣ муаррифӣ мегардад, балки дар заминаи иқтидори методологии он таҳлили системавии ҳаёти сиёсиро имконпазир медонад. Воқеан ҳам таҳлили системавӣ дар омӯзишу таҳқиқи масъалаҳои сиёсӣ мавқеи намоёнро ишгол намудааст. Ҳатто гуфтан мумкин аст, ки муносибати системавӣ ва фаҳмиши системавии сиёсат дар рушди ҳаёти сиёсии ҷомеа такони ҷиддӣ бахшидааст. Ин қисми таҳқиқот сирф хусусияти назариявӣ дошта, дар он масъалаҳои марбут ба ташаккулёбии системаи сиёсӣ бо диди нав таҳлилу баррасӣ шудаанд. Дар зербоби дуюми рисола унсурҳои таркибии системаи сиёсии ҷомеа ва вазифаҳои онҳо таҳлил гардидаанд. Дар ин қисми таҳқиқот таъкид мегардад, ки системаи сиёсӣ ҳарчанд зерсистемаи ҷомеа бошад ҳам, дар муқоиса бо дигар зерсистемаҳо мустақилияти томро соҳиб аст. Омилҳое, ки дар ташаккули системаи сиёсии ҷомеа таъсиргузоранд, нишон дода шудаанд. Аз ҷумла, таъсири шуури ҷамъиятӣ, махсусан шуури сиёсию маданияти сиёсӣ ба ташаккулёбии системаи сиёсӣ возеҳу равшан кунонида шудааст. Ҳамзамон нақш ва мавқеи давлат дар системаи сиёсӣ нишон дода шуда, он ҳамчун унсури марказӣ ва яке аз ниҳодҳои муҳимтарини ташаккулдиҳандаи системаи сиёсӣ номида мешавад. Дар баробари давлат инчунин нақши ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар ниҳодҳои ҷамъиятӣ дар рушду инкишофи системаи сиёсӣ нишон дода шудаанд. Инчунин муаллиф кӯшиш намудааст, ки бо такя ба таҳлили унсурҳои таркибии системаи сиёсӣ масъалаи гуногунрангии равандҳои сиёсии ҷомеаро низ аз онҳо

вобаста намояд. Дар баробари ҳамаи ин нақши воситаҳои ахбори омма низ дар таркиби системаи сиёсии ҷомеа хеле назаррас нишон дода шудаанд. Таъкид гардидааст, ки дар шароити ташаккулёбии системаи сиёсии демократӣ васоити ахбори омма вазифаи демократикунонӣ ва ифодаи манфиатҳои қишрҳои гуногуни ҷомеаро иҷро менамояд. Дар воқеъ, системаи сиёсии демократиро бе ҳизбҳои сиёсӣ ва воситаҳои ахбори омма тасаввур намудан номумкин аст. Чунин зарурият дар таҳқиқоти мазкур хеле хуб асоснок карда шудааст. Дар маҷмӯъ, дар боби аввали диссертатсия муаллиф тавонистааст, ки моҳият, хусусият, унсурҳои таркибӣ ва вазифаҳои онҳоро ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ намуда, бо дини нав ба онҳо баҳои назариявӣ диҳад.

Дар боби дуюми диссертатсия хусусиятҳои муҳимми ташаккулёбии системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва заминаҳои тағйирпазирии он таҳлилу таҳқиқ гардидааст. Боби дуюми диссертатсия аз се зербоб иборат мебошад. Дар зербоби якуми ин боб тағйирпазирии системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои бевоситаи он бо дарназардошти давраи гузариш таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Ин зербоб ба таҳлили масъалаҳои гуногуни ивазшавии системаи сиёсӣ, гузариш аз як система ба систами сиёсии дигар, хусусиятҳои муҳимми раванди тағйирпазирии системаи сиёсӣ ва раванди дигаргуншавии системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ба даст овардани истиқлолият бахшида шудааст.

Раванди таҳаввулпазирии системаи сиёсӣ ҳам ба омилҳои объективӣ ва ҳам субъективӣ алоқамандии зич дорад. Чунин ҳолат дар таҳқиқоти мазкур ба инобат гирифта шудааст. Аз ҷумла пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ва ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ҳамчун омили тағйирпазирии системаи сиёсии ҷомеа, инчунин дигаргуниҳои солҳои аввали соҳибистиқлолӣ аз он қабил масъалаҳо ба шумор мераванд. Дар таҳқиқоти мазкур давраи гузариш ҳамчун бартарафсозандаи арзишҳо ва анъанаҳои ғайрисамаранок ва имконияти ба вуҷуд оварадани мақсаду ҳадафҳои нав муайян карда мешавад. Дар давраи гузариш ҳар як ҷомеа бе истисно ба зарурати омехтагардонии унсурҳои меросии хеш ва падидаҳои нав рӯ ба рӯ мешавад. Он аз бисёр ҷиҳат ҳолати номутаносиби ҳаёти иқтисодию сиёсии ҷомеаро дар худ ифода менамояд. Дар ин марҳила биниш ва тафаккури одамон ва умуман шуури ҷамъиятӣ дигаргун гашта, меъёр, талабот, манфиат ва мақсадҳои тамоми унсурҳои таркибии ҷомеа дигаргун мешаванд.

Зербоби дуюми боби дуюм ба таҳлилу омӯзиши заминаҳои гуногуни ташаккули системаи сиёсии ҷомеа, монеаҳо ва сабабҳои бухронии ин раванд, ниҳодҳои асосии ташаккулдиҳандаи системаи сиёсии ҷомеа бахшида шудааст. Дар зербоби мазкур дар заминаи таҳлили равандҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти демократӣ гирифтани системаи сиёсии кишвар, зиддиятҳо ва монеаҳои дар ин самт мавҷуда таҳқиқ гардидаанд. Заминаҳои

меъёрию ҳуқуқии ташаккулёбии системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла қабули Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол махсус таъкид гардидаанд. Муаллиф муайян намудааст, ки нақши институтҳои сиёсӣ дар рушди системаи сиёсӣ ва тамоми унсурҳои дигари он нисбатан назаррастар мебошад. Ин аст, ки чигунагии таъсиррасонии институтҳои сиёсӣ ба унсурҳои дигари таркибии системаи сиёсӣ ва нақши назарраси онҳо дар ҳаёти сиёсӣ аз устувории онҳо вобастагии зиёд дорад.

Зербоби сеюми боби дуюм ба таҳлилу баррасии ҷанбаҳои муҳимтарини татбиқи меъёрҳои демократӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушкилот ва дурнамои рушди системаи сиёсии демократии кишвар бахшида шудааст. Дар ин самти таҳқиқот муаллиф дар навбати аввал татбиқи меъёрҳои демократиро дар фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар ниҳодҳои сиёсию ҷамъиятӣ таҳлилу баррасӣ намудааст. Инчунин нақши ислоҳоти сиёсӣ, тағйиру иловаҳо ворид намудан ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қабули дигар қонунҳои ҳаёти сиёсии ҷомеаро ҳамчун омили муҳимми рушди ниҳодҳои демократии ҷомеа муаррифӣ кардааст. Ин ва дигар омилҳоро ба инобат гирифта, хусусиятҳои демократии системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди тадриҷии онҳоро хеле хуб нишон додааст.

Дар охири зербобҳо муаллиф натиҷаҳои таҳқиқотро хулосабарорӣ намуда, дар хулосаи диссертатсия тавсияҳои амалӣ барои ташаккули минбаъдаи системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ироа намудааст. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо маълумоти дақиқ, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот асоснок карда шудааст. Хулосаву тавсияҳо дар асоси таҳлили илмию мантиқӣ пешниҳод шудаанд. Хулосаҳо ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти мазкур дар омӯзиши шаклгирии системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ ва рушди минбаъдаи он аҳамияти илмию назариявӣ доранд. Маводи таҳияшуда ва хулосаю натиҷаҳои он дар таълими фанҳои сиёсатшиносӣ, сиёсатшиносии амалӣ, сиёсатшиносии муқоисавӣ ва курси махсуси системаи сиёсии Тоҷикистон метавонанд истифода шаванд. Автореферати диссертатсия мундариҷаи асосии диссертатсияро дар бар мегирад.

Дар баробари ҳамаи ин, дар диссертатсияи мазкур баъзе норасоиҳо низ ба назар мерасанд. Чунончӣ:

– маълум аст, ки маданияти сиёсӣ ва шуури сиёсӣ унсури муҳимми системаи сиёсии ҷомеа мебошанд. Аз чӣ сабаб бошад, ки муаллиф ба масъалаҳои мазкур таваҷҷуҳи камтар додааст.

– инчунин ба масъалаи устувории системаи сиёсӣ ва омилҳои ноустуворкунандаи он низ бояд таваҷҷуҳи бештар дода мешуд. Зеро яке аз

роҳҳои таъмини рушди минбаъдаи системаи сиёсӣ бо роҳи таъмин намудани устувории он амалӣ карда мешавад.

– дар матни диссертатсия баъзан хатоҳои имлоию техникӣ ба назар мерасанд.

Аммо дар маҷмӯъ, эродҳои номбаргардида ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд ва илмияти онро коҳиш намедиҳанд. Дар хулоса, гуфтан мумкин аст, ки диссертатсияи Қаландаров Кароматулло Қаландарович дар мавзӯи «Раванди ташаккули системаи сиёсӣ дар шароити тағйирпазирии ҷомеа (дар мисоли Тоҷикистон)» ба талаботи пешбининамудаи бандҳои 10-16 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ) мебошад.

Тақризи мазкур дар ҷаласаи кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ аз 02.07.2021, суратмаҷлиси №13 муҳокима ва тасдиқ карда шудааст.

Раиси ҷаласа:
Мудири кафедраи сиёсатшиносӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ Амиров Т.Ш.

Котиби ҷаласа:
Номзади илмҳои сиёсӣ Ахиева С.

Омодасози лоиҳаи тақриз:
Номзади илмҳои сиёсӣ Юсуфҷонов Ф.

Имзоҳои номзади илмҳои сиёсӣ Амиров Т.Ш., номзади илмҳои сиёсӣ Ахиева С. ва номзади илмҳои сиёсӣ Юсуфҷонов Ф.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С.Айнӣ Назаров Д.

Суроғаи муассиса:
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Тел.: (+992 37) 224-13-83
E-mail: tgpu@mail.ru
Сомонаи расмӣ: www.tgpu.tj